# ХУЛОСАИ
## Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Парвандаи аттестатсионии №__**

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 3-юми сентябри соли 2020, №8**

Барои сазовор донистани Салимзода Маҷид Одина, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи **«Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон»,** ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ, рӯзи 23 апрели соли 2020 (қарори № 4) аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-22 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, Фармоиши комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2020, № 61) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Салимзода Маҷид Одина 1-уми октябри соли 1960 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Айни ҳол дар вазифаи муҳаррири шабакаи Фарҳанги радиои Тоҷикистон кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессор **Муродов Мурод Бердиевич**.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи ВАО ва PR-и Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;
2. **Маҳкамова Дилором Юнусовна** – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода», дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби декани факултети режиссура, кино ва телевизион, доктори илмҳои филологӣ, дотсент, Муъминҷонов Зулфиддин имзо ва аз ҷониби ректори Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор Низомӣ Муҳриддин Зайниддин тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Салимзода Маҷид Одина дар мавзӯи **«Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон»** бо навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои 10-16 Тартиби додани дараҷаи

илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, муаллифи он Салимзода Маҷид Одина сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевосита дар соҳаи журналистика ва публитсистикаи тоҷик буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок карда, дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллиф 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин миқдор 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

**I. Маҷаллаҳои тасдиқнамудаи КОА ҶТ**

[1-М] **Салимов, М.** Мақоми очерк дар эҷодиёти Тоҷӣ Усмон / М. Салимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2016. – №4/5 (209). – С. 239-243.

[2-М] **Салимов, М.** Тоҷӣ Усмон-адиби публитсист / М. Салимов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2016. – №39 (243). – С. 139-145 .

[3-М] **Салимов, М.** Нақши Тоҷӣ Усмон дар таҳияи осори адибаҳои тоҷик / М. Салимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2017. – №4/5. – С. 273-277.

**2. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расонида шудаанд:**

[4-М] **Салим, М.** Назаре ба рӯзгор ва фаъолияти адабии Тоҷӣ Усмон / М. Салим // Паёми Суғд. – 2016.– № 7. – С. 11-13 .

[5-М] **Салим, М.** Як моҳ бо Садриддин Айнӣ / М. Салим // Садои Шарқ .– 2016. – №9. – С. 84-106.

[6-М] **Салим, М.** Сарнавишти Тоҷӣ Усмон / М. Салим. – Хуҷанд: Нури Хуҷанд, 2017. – 70 с.

[7-М] **Салим, М.** Устод Айнӣ дар хотираҳои Т. Усмон / М. Салимов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ ба муносибати 140-солагии устод Айнӣ (13. 04. 2018). – Душанбе: ДМТ, 2018. – С. 88-93.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

Доктори илмҳои филологӣ, профессор мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Саидмурод Хоҷазод, ба автореферати диссертатсия чунин эрод гирифтааст: тавзеҳи аҳамияти мавзӯъ тӯл кашида, хислати публитсистӣ касб кардааст; ҷанбаи илмии боби аввали рисола нисбатан заиф аст; баъзе камбудиҳои имлоӣ ё баъзе ҷумлаҳо нисбатан ноқисанд; хулосаи умумии рисола хуб аст, аммо пунктҳои он тӯл кашиданд. Аз номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири идораи таҳлилии Муассисаи давлатии Телевизиони "Ҷаҳоннамо" Барно Соҳибова дар робита ба автореферати диссертатсия зикр намудааст, ки баъзе пунктҳо тӯл кашидаанд, баъзе хулосаҳо дар охири бобҳо ва зербобҳо нисбатан камтар ба назар мерасанд. Номзади илмҳои филологӣ, муовини директори Муассисаи давлатии рӯзномаи "Баҳори аҷам" Хушдил Раҳимҷонов эрод гирифтааст, ки номи фасли якуми боби дуюм зикр нашудааст ва таъсири муҳити иҷтимоии замон ба эҷоди Т. Усмон дар автореферат мушоҳида намешавад.

Муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) муҳиммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва дастовардҳои шоёни муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд.

Муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) муҳиммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва дастовардҳои шоёни муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд.

**Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд**, ки унвонҷӯ Салимзода Маҷид Одина дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

бо истифода аз адабиёти гуногун ва бойгонии муаллиф раванди ташаккули шахсияти эҷодии Тоҷӣ Усмон ва вижагиҳои публитсистикаи ӯро **муайян намудааст**. Таҳқиқоти мазкур дар илми публитсистикашиносии тоҷик бори аввал **коркард шудааст**.

Дар заминаи таҳқиқи мавзӯъ вижагиҳои мавзӯиву жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон, нақш ва мавқеи ӯ дар инъикоси воқеияти иҷтимоӣ ва пешбурди кори матбуоти **пешниҳод шудааст.**

Вижагиҳои хосса доштани осори публитсистикаи Тоҷӣ Усмон ва маҳорату қобилияти эҷодкориву ташкилии ӯ **исбот шудааст**.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** натиҷаҳои илмии он дар дараҷаи муайян дар такмили баъзе масъалаҳои назарии публитсистикашиносии муосири тоҷик замина мегузорад. Муаллифи диссертатсия баъзе меъёрҳои эҷоди публитсистӣ, аз ҷумла, интихоби мавзӯъ, омӯзишу маърифати он, таҳияи тарҳи асар, қонунмандиҳои тасвир, маҳорати тасвиргарой ва образофариро бо диди тоза таҳлилу баррасӣ намудааст, ки дар назарияи публитсистика нисбатан нав ва аҳамиятнок мебошад. Ҳамзамон муҳтавои диссертатсия дар таҷдиди масъалаҳои назарии рушди публитсистика таъсири мусбат расонида метавонад.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзӯъ аз осори илмиву назарии муҳаққиқони барҷастаи ватанию хориҷӣ таҳқиқоти донишмандони рус Е. П. Прохоров, А. Агроновский, В. Учёнова, В. М. Горохов, В.Т Афанасев ва осори донишмандони тоҷик А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, И. Усмонов, П. Гулмуродзода, А. Азимов, М. Абдуллозода, Ҷ. Саъдуллоев, М. Муродов, Ҷ. Муқим, С. Гулов, Ш. Муллоев ва дигарон истифода шудааст.

Дар диссертатсия аз методҳои таҳлили анъанавї, таърихӣ-филологї ва усули қиёсӣ-таърихии осори публитсистїи адиб **корбаст шудааст.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфтидараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** мундариҷаи диссертатсияро чун маводи омӯзишӣ дар китобҳои дарсии фанҳои тахассусии журналистӣ чун “Таърихи журналистикаи тоҷик”, “Таърихи адабиёти тоҷик”, “Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист”, ҷой намудан лозим аст. Ҳамчунин, қисматҳои ин кор ба василаи фанни тахассусӣ дар мавзӯъҳои “Публитсистикаи Тоҷӣ Усмон” дар ихтисосҳои гуногуни факултетҳои журналистикаю филологияи тоҷики муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ метавонад мавриди таълим қарор гирад.

Вижагиҳои мавзӯиву жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон бо назардошти аносири ҳунавриву касбӣ **муайян карда шудаанд.**

**Саҳми фардии** муҳаққиқ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар муддати 4 сол дар баробари фаъолияти рӯзноманигорӣ ба ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таҳлилу баррасии осори публитсистии Тоҷӣ Усмон, таснифи маводи гирдовардашуда ба гурӯҳҳои муайян машғул гардида, дар ин самт мақолаҳои зиёдеро таълиф намуда, дар конфронсҳои сатҳи гуногун маърӯзаҳо кардааст.

Унвонҷӯ муаллифи 7 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз ин 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди ДМТ рӯзи 03. 09.2020 дар бораи ба Салимзода Маҷид Одина додани дараҷаи илмии номзади илми филологӣ қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз инҳо 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ. Аз 20 нафар аъзои ба ҳайати Шӯрои диссертатсионӣ шомилбуда, овоз доданд: тарафдор – 16 нафар, муқобил - нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент Гулназарова Ж.Б.